***ТДУ 5.10-2***
***DOI:10.51844-2077-4990-2023-4-127-132***

***КОНСЕПСИЯҲОИ МУОСИРИ ПЕДАГОГӢ ОИДИ МОҲИЯТИ ШАВҚИ МАЪРИФАТНОКШАВИИ МАКТАББАЧАГОН***

***Қаххорова Фарангис Абдухалиловна,*** *докторанти (PhD) МДТ "ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров", (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***СОВРЕМЕННЫЕ ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ КОНЦЕПЦИИ О СУЩНОСТИ ПОЗНАВАТЕЛЬНОГО ИНТЕРЕСА ШКОЛЬНИКОВ***

***Каххорова Фарангис Абдухалиловна,*** *докторант (PhD) ГОУ "ХГУ имени акад. Б.Гафурова"(Таджикистан, Худжанд)*

***MODERN PEDAGOGICAL CONCEPTS ABOUT ESSENCE EDUCATIONAL INTEREST OF SCHOOLCHILDREN***

***Kakhhorova Farangis Abdukhalilovna****, doctoral student (PhD) of the State Educational Institution "KhSU named after acad. B. Gafurov"( Tajikistan Khujand)*
***E-mail:*** *kahorovafarangis98@gmail.com*

***Вожаҳои калидӣ****: шавқи маърифатнокшавии мактаббачагон, таркиби когнитивӣ, таркиби иродавӣ, хусусият, рушд, ташаккул, технологияи иттиллоотӣ, таълим, тарбия*

*Дар мақола масъалаҳои моҳияти шавқи маърифатнокшавии мактаббачагон дар консепсияҳои муосири педагогӣ баррасӣ гардидаанд. Қайд шудааст, ки шавқи маърифатнокшавӣ ҷанбаи муҳими ҳорикаи умумии шавқ ба ҳисоб меравад. Предмети он худи хусусияти муайяни инсон: шинохти муҳити зист, на танҳо бо мақсади фаҳмиши биологию иҷтимоӣ, ҳамзамон, дар кӯшиши воридшавӣ ба бисёрнамудии он, дар зеҳн инъикос сохтани самтҳои моҳияти он, робитаҳои сабабӣ-пайомадии он, қонуннокӣ ва ихтилофот мебошад. Хулоса шудааст, ки шавқҳои талабагон мутобиқи мантиқи тадқиқот, бояд, ки барои ҳар хонанда ботинӣ бошад. Аз ин лиҳоз, кӯшиш ба рушди шавқи устувори маърифатнокшавии мактаббача дар фаъолияти таълимӣ-зарурати воқеъӣ аст.*

***Ключевые слова:*** *познавательный интерес, когнитивный аспект, волевой аспект, особенность, развитие, формирование, информационные технологии, воспитание, обучение*

*В статье рассматриваются вопросы сущности познавательного интереса школьников в современных педагогических концепциях. Отмечено, что познавательный интерес является важным аспектом общего интереса личности. Его предметом является специфическая природа человеческого существа: познание окружающей среды не только с целью биологического и социального понимания, но и в попытке войти в ее многообразие, отразить в сознании направления ее сущности, ее причинно-следственные связи, законность и противоречие. Сделан вывод, что интересы учащихся, согласно логике исследования, должны быть внутренними для каждого учащегося. С этой точки зрения стремление к формированию у школьников устойчивого познавательного интереса к учебной деятельности является реальной необходимостью.*

***Key words:*** *cognitive interest, cognitive aspect, volitional aspect, peculiarity, development, formation, information technology, education, training*

*The article discusses the essence of the cognitive interest of schoolchildren in modern pedagogical concepts. It is noted that cognitive interest is an important aspect of a person's general interest. Its subject is the specific nature of the human being: knowledge of the environment not only for the purpose of biological and social understanding, but also, in an attempt to enter into its diversity, to reflect in consciousness the directions of its essence, its cause-and-effect relationships, legality and contradiction. It is concluded that the interests of students, according to the logic of the study, should be internal to each student. From this point of view, the desire to develop students' sustainable cognitive interest in educational activities is a real necessity.*

Яке аз нишондиҳандаҳои асосии барқароршавии шахсияти мактаббачагон шавқи маърифатнокшавӣ маҳсуб мешавад, ки сатҳи рушди он дар доираи муайян самаранокии раванди таълимро муайян мекунад. Муҳимияти рушди шавқи маърифатнокшавӣ дар ниҳоди хонандагон дар шароити муосири таълим ягон шакку шубҳаро ба вуҷуд намеорад. Аммо, масъалаи чӣ тавр дар ин раванд масъалаи самаранокии бештарро ноил шудан то ҳол ҳалношуда мондааст. Ҳалли он бошад, бе асосноксозии моҳияти мафҳуми «шавқи маърифатнокшавӣ» ғайриимкон аст.

Шавқу ҳавас дар тарҷумаи айнан аз калимаи лотинии «interect» «муҳим, аҳамият дорад» аст. Дар энсиклопедияи педагогӣ шавқ чун сабаби воқеии амали инсон, кӯшиш ба шинохти объект ё зуҳурот нисбати соҳиб шудан ба ин ё он намуди фаъолият тавзеҳ шудааст [9,373].

Мафҳуми «шавқ» бисёрмаъно аст. Мӯҳтавои онро ҳам то тавсифоти гурӯҳҳои иҷтимоии шавқашон гуногун, ҳам бо тавсифоти шахсият (ҳавасмандии шахсӣ) марбут медонанд.

Шавқи маърифатнокшавӣ ҷанбаи муҳими ҳориқаи умумии шавқ ба ҳисоб меравад. Предмети он худи хусусияти муайяни инсон: шинохти муҳити зист, на танҳо бо мақсади фаҳмиши биологию иҷтимоӣ, ҳамзамон, дар кӯшиши воридшавӣ ба бисёрнамудии он, дар зеҳн инъикос сохтани самтҳои моҳияти он, робитаҳои сабабӣ-пайомадии он, қонуннокӣ ва хилофат мебошад [8]. Хусусияти хоси шавқи маърифатнокшавӣ аз муносибати мураккаб ба олами предметҳо, зуҳурот бо омӯзиши чуқури он, ба таври доимӣ ва мустақилона соҳибдониш шудан дар ҷанбаҳои зарурӣ, дар фаъолнок соҳиб шудан ба малакаву маҳорати зарурӣ ва устуворона паси сар намудани душвориҳо иборат аст.

Дар тадқиқоти олим Г.И.Шукина шавқи маърифатнокшавӣ чун «самти интихоби шахсият, муносибат ба ҷанбаҳои маърифатнокшавӣ, ба самтҳои предметии он ва худи раванди соҳиби дониш шудан тавсиф шудааст. Ин таълимоти устуворест, ки дар ҷараёни фаъолияти шавқмандона буда, аллакай ба ҳавасмандсозӣ мӯҳтоҷ нест. Он худаш таҳким меёбад» [11, с.24]. Вай нишон медиҳад, ки ин шавқ протсетсуалӣ набуда, балки шавқ ба шинохти ҳақиқиву самаранок маҳсуб меёбад. Кадоме, ки дар натиҷаи он дар рушди хонанда дар маҷмӯъ навгоние пайдо мешавад.

Олим Н.Г.Морозова бошад, як андоза нуқтаи назари дигарро баён кардааст. Маърифатнокшавиро вай шавқи ба раванди маърифати таълимӣ ва натиҷаҳои он равонашуда номидааст. Ӯ ҳавасмандиро (шавқро) чун муносибати эҳсосӣ-маърифатии инсон (аз ғуссахӯрии эҳсосӣ-маърифатӣ бароянда) ба предмет ё бевосита ба фаъолияти сабабӣ, муносибат, ҳангоми дар шароитҳои мусоид ба самти эҳсосӣ-маърифатии шахс гузаранда баррасӣ кардааст [6, с.11].

Олим В.В.Бондаревский чунин меҳисобад, ки шавқи маърифатнокшавӣ чун:

–самти интихоби раванди рӯҳии инсон ба объекту зуҳуроти муҳити зист.

-чун раванд, кӯшиш, талаботи шахс нисбати машғул шудан маҳз бо ҷанбаи ин зуҳурот, фаъолияте, ки қаноатмандӣ меорад:

–чун махсус, интихобан бо андешаҳо пурра шудан, эҳсоси равшан, кӯшишҳои иродавии муносибат бо муҳити атроф, объектҳои он, зуҳурот ва равандҳо мебошад [2].

Шавқи маърифатнокшавӣ аз ҷониби як қатор муаллифон ба монанди Л.И.Бозкович, Н.А.Менчинская, Г.И.Осипов, М.Н.Спаткин, Ю.В.Шаров чун талабот ба донише, ки инсонро ба ҳақиқати муҳит ҳидоят мекунад, маҷбуркунанда ба кӯшиши фаъолона нисбати маърифатнокшавӣ, ҷустуҷӯи усулу воситаҳои қонеъкунандаи талаботи инсон ба дониш баррасӣ шудааст.

Олим В.А.Сластенин бошад, шавқи маърифатнокшавиро чун қувваи дохилии пешбарандаи таълим баррасӣ мекунад, ки тавассути ҳолати мақсадноки хонанда зоҳир мешавад. Ин ҳолат мӯҷиби соҳибдонишиву соҳибмалака, соҳибтаҷрибагӣ дар фаъолият мегардад. Ин ҳама дар навбати худ талаботро ба дониш, омодагӣ ба шинохти фаъолона ҳамчун фаъолият тавсиф месозад, ки инсон аз ин ҳама қаноатмандӣ ҳосил мекунад.

Ш.А.Амонашвили шавқи маърифатнокшавиро чун шакли кӯшиши шахсият ҳамчун самти ҷустуҷӯи мустақилона, фаҳмиши асрор, муҳокимаи озоди мушкилот, ҳалли масъалаҳои мураккаб, тасдиқи фикри шахсӣ муайян кардааст [1].

Ҷанбаи психологӣ-педагогии омӯзиши моҳияти мафҳуми «шавқи маърифатнокшавӣ» ба мо имкон медиҳад дар бораи бисёрҷанбагӣ ва мураккабии мафҳуми тадқиқшаванда ҳарф занем. Нуқтаҳои назари зиёд ба моҳияти шавқи маърифатнокшавиро дар маҷмӯъ метавон дар намуди якчанд самтҳо тасаввур кард, кадоме, ки дар ҷараёни он ин мафҳум бо талаботи шахс, самт ва фазои сабабии фард алоқаманд мебошад.

Ба ин нигоҳ накарда, ки мавқеи муаллифон дар муайянсозии шавқи маърифатнокшавӣ як андоза фарқ мекунад, дар фаҳмиши моҳияти он монандии муайян вуҷуд дорад.

Умумият барои тамоми муносибатҳо муқаррароти алоқамандии шавқ бо ҷанбаи сабабӣ-талаботии шахс маҳсуб мешавад. Аз як тараф шавқ метавонад ба сифати мақсади аҳамиятноки фаъолият амал кунад. Аз ҷониби дигар бошад, маҳз дар шавқ талабот нисбатан равшантар зоҳир мешавад. Шинохти талабот метавонад шавқро ба фан бедор созад, ки қобили шахсро қонеъкунанда аст. Қайд кардан зарур аст, ки дар шавқ лаҳзаи таъсиррасонӣ низ ифода ёфтааст.

Мо дар рисолаи худ истилоҳи «шавқи маърифатнокшавӣ»-ро бо мақсади фаҳмонидани сифати шахсият истифода мебарем, кадоме, ки бо маърифати объективию субъектии муносибат тавсиф мекунад. Ин дар навбати худ характери таъсиррасонии эҳсосии рангаро дорост, ки ба ҷараёну натиҷаи маърифати таълим нигаронида шудааст. Шавқи маърифатнокшавӣ чун ҳорикаи умумии шавқ сохтори мураккаб дорад, ки дар он равандҳои психологӣ (зеҳнӣ, эҳсосӣ, иродавӣ, муназзамӣ) ҳамчунин, робитаҳои объективию субъективии инсон бо олам, ки дар муносибатҳо ифода шудаанд (М.Б.Беляев, Б.С.Волков, А.К.Маркова, С.Л.Рубинштейн, Г.И.Шукина) муайян карда мешавад. Хусусияти шавқ дар ҷанбаи махсуси эҳсосӣ-маърифатии он зоҳир мешавад, ки дар хонанда бо фаъолнокиҳо кӯшиш ба фаъолият, характери саволдиҳӣ тавсиф мешавад. Таҳлили адабиёти психологӣ-педагогӣ (Л.С.Выготский, А.К.Дусовитский, А.Н.Леонтьев, А.К.Маркова, Н.Г.Морозова, А.Н.Прядехо, С.Л.Рубинштейн, Г.И.Шукина) имкон медиҳад дар сифати таркибҳои пешбарандаи сохтори шавқи маърифатнокшавӣ омилҳои зеҳнию иродавӣ, эҳсосию рафторӣ муайян карда шавад. Аҳамияти он, характери зуҳури он дар алоқамандӣ дар давраҳои гуногуни рушди синнусолии мактаббачагон якранг нестанд.

Таркиби когнитивӣ меҳвари шавқи маърифатнокшавиро ташкил медиҳад. Он бо самти ҷустуҷӯ дар раванди фаъолияти масъалаҳои таълимӣ, кӯшиши мутобиқшавӣ ба ҳолати нав, ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли вазифаҳои гузошташуда тавсиф мешавад. Шавқ бо ифодаи самти бошууронаи шахс, қобилияти мактаббачаро фаъол месозад. Дар натиҷа фаъолияти ӯ нисбатан пурратар мегардад. Дар ҳолати шавқмандӣ кӯдак қувваaш меафзояд. Ин ҳолат дар ниҳоди ӯ кӯшишро ба афзунсозии шавқи худ, омодагӣ ба паси сар намудани ин ё он мушкилотро бедор месозад. Дар натиҷа кораш беҳтар ва самаранок мегардад, мактаббача қаноатмандӣ ҳосил мекунад. Шавқ дар худи раванди маърифат ифода мешавад. («Агар ман ин масъаларо сарфаҳм равам, ман дар бораи ......дониста мегирам»).Барои хонанда омили шахсӣ-аҳамиятдошта натиҷаи фаъолияти маърифатнокшавиаш мегардад. Таркиби иродавӣ пеш аз ҳама бо кӯшиши хонанда нисбати мустақилона банақшагирии фаъолияташ алоқаманд аст. Шавқи ӯ ба машғулиятҳо муносибати фаъолонаро ба пердмети фаъолият пешбинӣ менамояд. Ин дар сатҳи устувории хонанда нисбати шинохти ҷодаи муайян бобати паси сар намудани мушкилот дар ҷараёни иҷрои фаъолият зуҳур мекунад. Зимнан дар ӯ маҳорати идора кардани рафтори худ, бошуурона ҳадаф гузоштан ташаккул мeёбад, ки ин ҳам далели барқароршавии шавқ мебошад.

Таркиби эҳсосӣ дар қаноатмандӣ, ҳиссиёти мусбие, ки худи раванди маърифатии фаъолият, ҷараёну натиҷаи таълим ба вуҷуд меорад, ифода мешавад. Вай бо мӯҳтавою қувва ва умқи эҳсосоти бавуҷудоваранда фарқ мекунад. Тавре А.Н.Леонтев қайд мекунад, ҳиссиёт сабаби рафтор ва амал мегардад [3, с.197-198]. Таркиби рафтор дар зимнан гузариш аз танзими дохилӣ ба худтанзимкунӣ ифода меёбад. Зери таъсири шавқи маърифатнокшавӣ дар кӯдак доимо савол пайдо мешавад, ки посух ба онро худаш ба таври доимӣ ва фаъолона ҷустуҷӯ мекунад. Сатҳи рушди шавқ (умқ, устуворӣ, асоснокӣ) аз бисёр ҷиҳат характери шомилнокии хонандаро ба фаъолият ва самаранокии он муайян месозад. Ҷанбаи рафторӣ сатҳи фаъолнокии (таъсирнокии) шавқ, муҳимияти онро дар фаъолияти амалӣ муайян мекунад. Бо зикр сохтани шавқи маърифатнокшавӣ чун қувваи пешбарандаи таълим, бояд, ки тавсифи сифатии онро баррасӣ кард. Дар адабиёти психологӣ-педагогии муаллифони гуногун теъдодҳои гуногуни он муайян карда мешавад. Аммо аксар вақт ду гурӯҳи тавсифоти психологии шавқи маърифатнокшавиро ҷудо мекунад (расми 1).

| Шавқи маърифатнокшавӣ | |
|---|---|
| Таснифоти мӯҳтавоӣ (марбут ба мӯҳтавои шавқ, бо хусусиятҳои фаъолият, бо фаъолнокии хонанда) | Таснифоти динамикӣ (ифоданокии шавқро тавсиф мекунад) |
| Интихобнокӣ, амалнокӣ, шуурнокӣ, мустақилона, пайдошавӣ, афзалият дар сохтори умумии сабаб | Устуворӣ, муттасилӣ, фарохӣ, ороиши эҳсосӣ |

Расми 1. Тавсифоти сифатии шавқи маърифатнокшавӣ

Зери мӯҳтавои шавқи маърифатнокшавӣ маҷмӯи объектҳо, ҳадафу вазифаи фаъолият фаҳмида мешавад, кадоме, ки ба он равона карда шудааст (мактаб, мӯҳтаво ва раванди фаъолияти таълимӣ).

**Тавсифоти мӯҳтавоӣ иборат аст, аз:**

–интихобнокӣ–самтнокӣ ба фанни муайян (фанни таълимии омӯхташаванда, самтҳои фаъолияти таълимӣ);

–амалнокӣ–таъсири воқеӣ ба ҷараёни фаъолияти таълимӣ ва тамоми рафтори кӯдак: бо андешаи шахсии таълим зич алоқаманд аст; шавқҳои таъсиррасон кӯдакро ба амалҳои мунтазаму мақсаднок дар самти муайян, ҷустуҷӯи фаъолонаю ташаббускоронаи сарчашмаҳои қонеъсозии шавқу ҳавас ҳидоят мекунад;

–шуурнокӣ–дар шинохти фанни омӯхташаванда инъикос кардани шавқ ва усули қонеъсозии он (ҳарчӣ сатҳи шинохт баланд бошад, ҳамон андоза таъсири он ба фаъолият пурзӯр аст);

–мустақилона пайдошавӣ–мароқ зоҳир кардан бе ёрии дигар одам чун сабаби дохилӣ дар ҷараёни фаъолият;

–афзалият дар сохтори умумии сабаб–шавқи маърифатнокшавӣ чун сабаби нисбатан таъсиррасон, дар кӯшиши доимӣ бо мақсади такомули дониш дар ин ё он ҷодаи илм.

Тавсифоти динамикӣ ифоданокии шавқро мунъакис сохта иборат аст аз:

–устуворнокӣ–дар фаъолият зухур мекунад, кадоме, ки дар ҷараёни он шавқ қувваи худро нигоҳ медорад; вақт чун ченаки теъдодии устувории он хизмат мекунад; шавқҳои ноустувор кӯтоҳмуддат буда, зуҳуротро зуд-зуд иваз мекунанд, ки бо ҷилоҳои (дурахш) ҷудогона ба ҳолатҳои ҷолиби таълим маҳдуд мегардад;

–муттасилӣ–бо қувваи зухуроти эҳсосӣ, давомнокии муроҷиати мустақилона ба фанни (предмети) шавқ алоқаманд мегардад;

–фарохии шавқ–теъдоди усулҳои фаъолияти хонанда азхудкунанда, натиҷаҳои он, предметҳои гуногуни зуҳури он мебошад. Баҳодиҳӣ ба фарохӣ ё маҳдудии шавқҳоро аз рӯи мӯҳтаво ва аҳамияти он барои шахс муайян карда мешавад. Пешгирӣ метавонад нофаҳмо, васеъ бо шавқи дақиқ афзалиятдошта бошад;

–ороиши эҳсосӣ–аксуламали мусбӣ ё манфии марбут бо доираи муайяни предметҳо, вазифаҳо, фаъолиятҳои гуногуннамуд.

Шавқи маърифатнокшавӣ–зуҳуроти бисёрмаъно аст. Аз ин рӯ, таъсири он ба таълим бисёрсамта мебошад. Шавқи маърифатӣ аксар вақт чун воситаи тарбия истифода мешавад. Муносибати мактаббача ба фаъолият бевосита дар раванди воридшавии ӯ ба фаъолият ташаккул меёбад. Кадоме, ки дар раванди он ба сохтори арзишҳои ҷамъиятӣ пайваста ба ҳаракати минбаъдаи хеш дар ин сохтор роҳ мекушояд.

–Дар ин ҳолат,–қайд месозад олим Б.Ф.Ломов,–фаъолият дар ҳақиқат воситаи самараноки тарбия мегардад. Сатҳи самаранокии он аз рӯи дар кадом сатҳ таъмин сохтани он ташаккулу рушди муносибатҳои субъективии шахс, ҳамчунин муҳити сабабӣ, талабот, ҳадафҳои ҳаётӣ ва самтнокӣ муайян карда мешавад [4].

Шавқи маърифатӣ метавонад чун воситаи таълим, воситаи фаъолсозии фаъолияти маърифатӣ, чун таҷҳизоти самаранок, ки ба омӯзгор имкон медиҳад раванди таълимро ҷолиб созад, амал кунад. Ҳамзамон, имкон медиҳад омӯзгор маҳз он самтҳоеро муайян созад, ки метавонад диққати хонандагонро ҷалб созад. Маҷбур кунад ба ҳаяҷон оянд, ғусса хӯранд, бо шавқмандӣ аз болои вазифаи таълим корбарӣ кунанд.

Аз ин ҷо бармеояд, ки чорабиниҳои амалии дақикро омӯзгор доимо бояд бо чунин шаклҳои корбарӣ алоқаманд созад, ки эҳсосотро ба ҷӯш меорад, ташаббуснокии хонандагонро бедор мекунад.

Маълум аст, ки тамоми чизҳои бо эҳсосот алоқаманд ҳама вақт диққатро ҷалб месозад. Аммо, қайд кардан зарур аст, ки шуғлнокӣ набояд аз моҳияти предмет дур созад, балки ба фаҳмиши хуб ва азхудкунии мӯҳтавои дохилии он мусоидат кунад.

Шавқи маърифатӣ инсонро ба мустақилона омӯхтану истифодаи дониш ҳидоят сохта, ба рушди эҷодии ӯ мусоидат мекунад. Аз рӯи ақидаи Т.И.Шамова муносибати хонанда ба таълим дар шавқоварии мӯҳтавои донишҳои андӯхташаванда ва худи раванди фаъолият, дар кӯшиши ворид шудан ба моҳияти зуҳурот ва ҳамбастагии он, азхудкунии усулҳои фаъолият, сафарбарсозии қувваҳои ахлоқӣ-иродавӣ барои ноилшавии ҳадафи фаъолият зоҳир мешавад [10, с.5].

А.Н.Леонтев қайд месозад, ки барои бедор кардани шавқ ба фаъолият пеш аз ҳама таҳияи сабаби ин фаъолият зарур аст. Баъдан ба он чун ҳадаф нишон додан зарур аст, ки ноилшавиро сабаб бедор месозад. Амалҳои сабаб аз он иборат аст, ки онҳо як андоза аҳамияти ҳаётиро барои субъекти ҳолатҳои объективӣ ва амалҳои он «баҳо медиҳад» ба он маънои шахсӣ медиҳанд [3].

Шавқи маърифатии мактаббача метавонад роҳи басо дарози рушд дошта бошад: аз бедорсозандаи амалҳои алоҳидаи таълимӣ то сабаби афзалияткунандаи тамоми фаъолият. Шавқи маърифатии ташаккулё фта ҳам ба характери фаъолияти маърифатии мактаббача таъсир мерасонаду ҳам дар маҷмӯъ ба тамоми рушди шахсият.

Аз шавқ на танҳо маҳсулнокии донишандӯзии хонандагон, усулҳои фаъолияти маърифатӣ, ҳамзамон тамоми фаъолияти таълимӣ бо маънои иҷтимоии он ва дастурҳо вобаста аст. Шавқ баробари яке аз сабабҳои муҳими таълим гардидан, чун қисмати аҳамиятдоштаи самти умумии шахс амал мекунад, кадоме, ки аксар вақт бо кӯшиш ба фаъолияти маърифатӣ тавсия мешавад [5].

Барои омӯзгор шавқи маърифатии хонандагон чун шарти самаранокии раванди таълим буда метавонад. Фаъолияти таълимӣ бояд арзиши махсусро барои хонанда касб кунад, дарк ва эътироф намояд. Зарур аст, ки дар ниҳоди кӯдак талабот ба ин фаъолият тавлид шавад, барои ӯ арзиши натиҷавӣ-протсессуалиро дарёбад. Ин маънои онро дорад, ки хонанда онро ба таври худ, худи раванди ин фаъолиятро новобаста аз он некӯҳолиҳое (боигариҳо), ки ба ӯ оварда метавонад (баҳои хуб, мавқеи олӣ ва ғайра) баҳогузорӣ менамояд.

Шавқмандӣ нисбати воридшавии мактаббача ба фаъолияти хуби таълим мусоидат мекунад, кадоме ки зимнан ба талаботи ӯ табдил ёфта, арзиши эътирофшаванда мегардад.

Шавқи маърифатнокшавӣ чун таълими сифатноки шахс на танҳо ба раванду натиҷаи фаъолият, ҳамзамон ба ҷараёни психологӣ-тафаккур, тасаввур, хотира, эътибор таъсири мусбӣ мерасонад. Кадоме, ки зери таъсири шавқи маърифатнокшавӣ фаъолнокии махсус ва самтнокиро касб мекунад. Ин танҳо он вақте рух медиҳад, ки шавқи маърифатнокшавӣ дар давраи рушди устувор қарор дорад. Дар ҳолати шавқмандӣ дар ниҳоди хонанда амалҳои фикрии таҳлил, синтез, тезутунд мешавад, азхудкунии дониш сабук мегардад. Ҳарчӣ шавқмандӣ пурзӯр бошад, тафаккур ҳамон андоза мақсадноку пуршиддат мешавад. Хоҳиши аз наздик ошно шудан бо предмет, зуҳурот ё фаъолият, чуқуртар ворид шудан ба моҳияти он бо аз мадди назар дур накардани ҷузъҳои майдатарин ва тафсилот пайдо мешавад. Дар баробари ин муносибати расмиятпарастона неву эҷодкорона ба предмет ва зуҳуроти омӯхташаванда рушд мекунад.

Мавҷудияти шавқ ҳамзамон ба рушди хотира мусоидат мекунад. Педагогҳои маъруфтарин дар заминаи таҷриба муқаррар кардаанд, ки хотираи заифи хонанда аксар бо надоштани шавқаш ба ҳамин ҷанбаи дониш, ба ҳамин доираи зуҳуроту фаъолият тавсиф мешавад. Донише, ки ба шавқу ҳавас маҷбуран ва рӯякӣ азхуд шудааст, зуд аз хотир фаромӯш мешавад. Баръакси он бошад, муддати дароз дар ҳофиза боқӣ монда, осон гуфта мешавад.

Бояд ҳамбастагии шавқу эътиборро хотиррасон кард. Эътибор бо ёрии шавқ осон ҷалб ва дастгирӣ мешавад. Ҳамзамон, ин ҷо мушкилот ба назар мерасад. Аниқтараш, эътибор муддати дароз устувории худро нигоҳ медорад, дар ҳолати набуданаш зарур аст эътибор дод то ки хонандагонро ҳушашон парешон нашавад. Шавқ ба ҷараёнҳои сенсомоторӣ таъсири мусбӣ мерасонад, мунтазамнокии фикррониро баланд мебардорад, нисбати бомуваффақият ахзуд кардани малакаву маҳорати зарурии амаливу зеҳнӣ мусоидат менамояд.

Қайд кардан зарур аст, ки шавқи маърифатнокшавие, ки ба фаъолияти маърифатӣ шомил шудааст, бо ташаккули муносибатҳои гуногуни шахсӣ алоқаманд мебошад: муносибати интихобӣ ба ин ё он ҷанбаи илм, фаъолияти маърифатӣ, иштирок дар он, муоширот бо иштирокдорони таълим. Маҳз дар ин замина маърифати олами фанҳо ва муносибат ба он, ба ҳақиқатҳои илми ҷаҳоншиносӣ, ҷаҳонбинӣ, эҳсоси ҷаҳонии хонанда ташаккул меёбад.

Шавқи маърифатӣ бо фаъол сохтани тамоми равандҳои психологии инсон, дар ҳолати рушди худ шахсиятро нисбати доимо ҷустуҷӯ кардани markup азнавмаърифатнокшавӣ, ҳақиқатҷӯӣ тавассути фаъолият (тағйирёбии мураккабшавии ҳадафи он, ҷудосозӣ ба муҳити предметии (фаннии) самтҳои актуалию аҳамиятдошта, дарёфти дигар усулҳои амал, ба онҳо ворид сохтани оғози эҷодӣ) ҳидоят мекунад. Бо таҳлили моҳияти мафҳуми «шавқи маърифатокшавӣ» ва вазифаҳои он дар раванди таълиму тарбия дуруст мебуд хулоса барорем, ки шавқи маърифатнокшавӣ тавсифоти чуқуру шахсӣ аст. Вай бо талабот, фаъолнокии ақлӣ, таъсиррасониҳои эҳсосӣ, сабабҳои рафтори одамӣ алоқаманд буда, ба сифати омили сафарбаркунандаи муносибати интихобӣ ба фаъолият амал мекунад. Имрӯз дар назди мактаб чунин вазифа истодааст, ки дар асоси шавқи дар хонандагон буда, шавқи маърифатнокшавии онҳоро, ҳамчунин, шавқи нисбатан ба хусусиятҳои фардӣ, имконияту қобилияти мактаббачагон

мусоидаткунандаро бедор кардан, ташаккулу рушд додан зарур аст. Ин шавқҳо мутобиқи мантиқи тадқиқот, бояд, ки барои ҳар хонанда ботинӣ бошад. Кӯшиш ба рушди шавқи устувори маърифатнокшавии мактаббача дар фаъолияти таълимӣ-зарурати воқеъӣ аст. Зеро, нақши он дар раванди барқароршавии шахсияти комил басо аҳамиятнок мебошад.

**ПАЙНАВИШТ:**


1. Амонашвили, Ш.А. Здравствуйте, дети/Ш.А.Амонашвили. - М., 1983. - 187 с.
2. Бондаревский, В.Б. Воспитание интереса к знаниям и потребности к самообразованию: Кн. для учителя/В.Б.Бондаревский.-М.: Просвещение, 1985. - 144 с.
3. Леонтьев, А.Н. Избранные психологические произведения: В 2-х т./А.Н. Леонтьев.- М.: Педагогика, 1983.-Т. 1.-391 е.; Т. 2.-318 с.
4. Ломов, Б.Ф. Методологические и теоретические проблемы психологии/Б.Ф.Ломов.-М., 1984.-344 с.
5. Маркова, А.К. Формирование мотивации учения в школьном возрасте/А.К.Маркова.-М.: Просвещение, 1983. - 94 с.
6. Морозова, Н.Г. Учителю о познавательном интересе/ Н.Г.Морозова.-М.: Знание, 1979. - 48 с.
7. Педагогика: Учебное пособие / В.А. Сластенин, И.Ф. Исаев, А.И. Мищенко, С.Е. Шиянов. - М.: Школа-Пресс, 1998. - 512 с.
8. Размыслов, П.И. Интересы младших школьников/П.И. Размыслов.-М.: Изд-во АПН РСФСР, 1960.-72 с.
9. Российская педагогическая энциклопедия: В 2-х т. / Гл. ред. В.В. Давыдов. - М.: Большая Российская энциклопедия, 1993. - 608 е.: ил.
10. Шамова, Т.И. Активизация учения школьников/Т.И.Шамова.-М.: Педагогика, 1982. - 208 с.
11. Щукина,Г.И. Проблема познавательного интереса в педагогике/Г.И.Щукина.-М.,1988.-352 с.


**REFERENCES:**


1. Amonashvili, Sh.A. Hello children. - M., 1983. - 187 p.
2. Bondarevsky, V.B. Cultivating interest in knowledge and the need for self-education: A book for teachers. - M.: Education, 1985. - 144 p.
3. Leontiev, A.N. Selected psychological works: In 2 volumes. M.: Pedagogy, 1983.-T. 1.-391 units; T. 2.-318 p.
4. Lomov, B.F. Methodological and theoretical problems of psychology. - M., 1984.-344 p.
5. Markova, A.K. Formation of learning motivation at school age. - M.: Education, 1983. - 94 p.
6. Morozova, N.G. To the teacher about cognitive interest. - M.: Knowledge, 1979. - 48 p.
7. Pedagogy: Textbook / V.A. Slastenin, I.F. Isaev, A.I. Mishchenko, S.E. Shiyanov. - M.: Shkola-Press, 1998. - 512 p.
8. Razmyslov, P.I. Interests of younger schoolchildren. - M.: Publishing house of the Academy of Sciences of the RSFSR, 1960.-72 p.
9. Russian Pedagogical Encyclopedia: In 2 volumes / Ch. ed. V.V. Davydov. - M.: Great Russian Encyclopedia, 1993. -
10. Shamova, T.I. Activation of schoolchildren's learning. - M.: Pedagogy, 1982. - 208 p.
11. Shchukina, G.I. The problem of cognitive interest in pedagogy. - M., 1988. -352 p.